LANGUE FRANÇAISE EN ASIE CENTRALE

MINISTÈRE DE L'EUROPE ET DES AFFAIRES ÉTRANGÈRES
*Liberté Égalité Fraternité*

FSPI
LE FONDS DE SOLIDARITÉ POUR LES PROJETS INNOVANTS

ORGANISATION INTERNATIONALE DE la francophonie

# ОЛИМПИАДАҲОИ МИНТАҚАВИИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ
# - 2021-

# ДАСТУРУЛАМАЛИ ОЗММУН

Дар соли 2021, шабакаи фарҳангии Фаронса дар Осиёи Марказӣ бори аввал олимпиадаҳои онлайнии забони фаронсавиро ташкил менамояд, ки дар он иштирок барои ҳамаи франкофонҳо ва франкофилҳои 5 ҷумҳурии Осиёи Марказӣ (Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон) ройгон ва озод аст.
Ин муқаррарот, ки бо забонҳо давлатии ҳар кишвари иштирокчӣ ва бо забонҳои фаронсавӣ ва русӣ датрас буда, шарт ва қоидаҳои иштирок дар олимпиадаҳои минтақавии забони фаронсавиро муайян менамояд.

## ШАРТҲО БАРОИ ИШТИРОК

- Иштирок дар озмун ба ҳамаи франкофонҳо ва франкофилҳои 5 ҷумҳурии Осиёи Марказӣ бидуни маҳдудияти синну сол, ҷинс ва миллат пешниҳод карда мешавад.
- Бақайдгирии ройгон **то 10 апрели соли 2021, то соати 12.00 нисфирӯзӣ (бо вақти Париж) кушода аст.**

- Ҳама иштирокчиён аз рӯи профили худ ба 8 категория тақсим карда мешаванд:

- Категорияи 1: хонандагони синфҳои 1 то 8
- Категорияи 2: хонандагони синфҳои 9 то 11
- Категорияи 3: хонандагони мактабҳои фаронсавӣ ва хонандагон аз Фаронса
- Категорияи 4: донишҷӯёни забони фаронсавӣ
- Категорияи 5: донишҷӯёни мутахассиси забони фаронсавӣ
- Категорияи 7: муаллимон ва мутахассисони забони фаронсавӣ
- Категорияи 7: ҳолатҳои дигар, онҳое, ки гӯяндаи бумии забони фаронсавӣ нестанд
- Категорияи 8: ҳолатҳои дигар, онҳое, ки гӯяндаи бумии забони фаронсавӣ ҳастанд

- Ҳама иштирокчиён ӯҳдадоранд, ки шартҳои дар ин дастуруламал муқарраршуда ва инчунин дастуреро, ки тавассути почтаи электронӣ бо бешниҳодот шумо фиристода мешаванд, риоя кунанд.

## ТАҚВИМ ВА ФОРМАТИ КОР

- **10 апрели соли 2021**: рӯзи охирини бақайдгирӣ. Дар озмун танҳо онҳое иштирок кардан метавонанд, ки пеш аз мӯҳлати муқарраршудаи бақайдгирӣ имзо гузошта бошанд.
- **18 апрел: Марҳилаи 1-уми Олимпиада, ки аз** аз диктант ва санҷиши онлайн иборат аст ва дар ҳамкорӣ бо платформаи Orthodidacte сохта шудааст (он аз ҷониби Гийом Терриен, қаҳрамони имлои фаронсавӣ таъсис ёфтааст). Вақти пайвастшавӣ ба марҳилаи якуми Олимпиада: соати 15.00 бо вақти Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон / 16.00 бо вақти Қазоқистон ва Қирғизистон.
- **22 апрел**: эълони рӯйхати ғолибоне, ки ба марҳилаи 2 гузаштаанд. Танҳо 64 номзади беҳтарин, ки дар марҳилаи аввал интихоб шудаанд (аз ҳар як категория 8 нафар) тавассути почтаи эллектронӣ ба марҳилаи дуюм даъват карда мешаванд.
- **26 ва 27 апрел**: **Марҳилаи 2-юми Олимпиада** мусоҳибаи онлайн бо ҳайати ҳакамони аъзои шабакаи фарҳангии Фаронса дар Осиёи Марказӣ.
- **30 апрел**: эълони натиҷаҳои ниҳоӣ ва рӯйхати ғолибони Олимпиада.

## ҲАКАМОНИ ОЗМУН

● Супоришҳои марҳилаи 1 аз рӯи алгоритми платформаи "Отодидакт" ба воситаи низоми рақамӣ санҷида мешаванд (ҳисоб кардани таносуби шумораи хатогиҳо дар Диктант, ҷавобҳои дуруст дар Тест ва вақти сарфшуда дар он).
● Ба ҳайати ҳакамон дар бахши шифоҳии озмун муаллимони фаронсавӣ ва намояндагони сафоратхонаҳои Фаронса, Иттифоқҳои Фаронса ва Институти Фаронса дар 5 ҷумҳурии Осиёи Марказӣ шомил карда мешаванд.

## МУКОФОТҲО

● Ба ғолибони аз ҳар як категория вобаста ба ҷойгоҳ ва профилашон мукофотҳои гуногун дода мешавад: таҷрибаомӯзии тобистонаи лингвистӣ, курсҳои фаронсавӣ, ноутбукҳо, iPad, китобҳои электронӣ (рӯйхати мухтасар).
● Ба ҳамаи иштирокчиёни озмун шаҳодатномаи иштирок дода мешавад.

## КОРКАРДИ МАЪЛУМОТ

● Маълумоти шахсии дар шакли бақайдгирӣ пешниҳодшуда, инчунин натиҷаҳои марҳилаҳои гуногуни Олимпиада барои мақсади ташкили Олимпиадаи минтақавии 2021 дар Осиёи Марказӣ ба таври махфӣ баррасӣ карда мешавад.
● Маълумоти шахсӣ, ки ҳангоми бақайдгирӣ ё гузаштани марҳилаҳои олимпиада пешниҳод карда шудаанд, ба истиснои рӯйхати ному насаб ва кишварҳои ширкаткунандагон, ки пас аз гузаштан аз марҳилаи 1 интихоб шудаанд ва инчунин ба рӯйхати ниҳоии ғолибони пас аз гузаштани қисми шифоҳнашр карда намешавад ва ба шахси сеюм дода намешавад.

## ӮҲДАДОРИҲО

● Ҳангоми бақайдгирӣ, ҳар як иштирокчӣ дурустӣ ва аслии маълумоти дар бораи худ ва вазъи худ пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.
● Ҳар як иштирокчӣ марҳилаҳои гуногуни Олимпиадаро инфиродӣ ва мустақилона мегузаронад ва инчунин ӯҳдадор мешавад, ки рамзҳои дастрасии тавассути почта гирифтаро махфӣ нигоҳ дорад.
● Ташкилкунандагон ӯҳдадоранд, ки барои таъмини иштироки дурусти ҳамаи номзадҳо тамоми чораҳои заруриро андешанд.
● Ташкилкунандагон барои мушкилоти марбут ба сифати пайвастшавӣ ба интернети иштирокчиён, нокомиҳои техникӣ ва маҳдудиятҳои дастрасӣ, аз ҷойҳое, ки номзадҳо ба Олимпиада мепайванданд, ҷавобгар нестанд.

## ТАМОС

● Агар шумо ягон савол дошта бошед ё маълумот дархосте кардани бошед, лутфан бо почтаи зер тамос гиред:olympiadesregionales@gmail.com